МАЪРИФАТ, АДОЛАТ, САДОҚАТ, ҚОНУНИЯТ

# НАБЗИ МИЛИТСИЯ

№5 (69),
МАЙИ СОЛИ 2021
www.avkd.tj
avkdtj@mail.tj

НАШРИЯИ АКАДЕМИЯИ ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 23 МАЙ - РӮЗИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

Шумо, ҷавонони азиз, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму донишҳои муосир бошед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед, ба Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш содиқ бошед, сарзамини аҷдодиро самимона дӯст доред, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳимоя кунед, нангу номус ва ҳисси баланди миллии худро ҳифз намоед, эҳтироми падару модар ва пирону калонсолонро ба ҷо оваред.

Шумо, фарзандони азиз, ҳеҷ гоҳ виҷдону имони худро нафурӯшед, ба Ватани маҳбубамон, миллати бостониамон ва давлати соҳибихтиёрамон ҳаргиз хиёнат накунед.

Фаромӯш накунед, ки мардум хиёнат ва хиёнаткорро ба ҳеҷ ваҷҳ намебахшанд.

Шумо - ҷавонони саодатманд, киояндасозони ин Ватани биҳиштосо ва фардои Тоҷикистони азизу маҳбубамон мебошед, метавонед дар ҷаҳони пуртазоди муосир Тоҷикистони соҳибистиқлол ва манфиатҳои давлату миллатро ҳифз кунед, сарзамини аҷдодиро боз ҳам ободу зебо гардонед ва қарзи фарзандиву рисолати шаҳрвандии худро дар назди Модар-Ватан сарбаландона иҷро намоед.

Шумо бояд ифтихор дошта бошед, ки насли замони Истиқлол ҳастед ва дар Ватани озоду соҳибихтиёр зиндагӣ мекунед.

Фаромӯш насозед, ки Истиқлоли давлатӣ асос ва таҳкурсии хонаи ободу, сари баланд ва зиндагии ороми осудаи ҳар фарди соҳибдавлату соҳибватан мебошад.

Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд.



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

## Ҳамоиши ҷумҳуриявии ҷавонон дар Академия





Бо ибтикори Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро рӯзи 14-уми май дар толори фарҳангии Академия бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши ҷумҳуриявии ҷавонони ВКД дар мавзӯи "Нақши ҷавонон дар 30 соли соҳибистиқлолӣ: дастовард ва дурнамо" баргузор гардид.

Иштирокчиёни ҳамоишро қаровули фахрӣ истиқбол намуда, ба меҳмонон намоиши дастовардҳои Академия пешниҳод гардонида шуданд.

*Давомаш дар саҳ. 2*

Нишони дӯсти некӯ он аст, ки хатои туро бипӯшонад,
туро панду андарз диҳад ва розатро ошкор насозад.
Абӯалӣ ибни Сино



## ҶАВОНОН

Ҷавонон парчами созанда афрозанд,
Бузургонро ҷавонон зинда месозанд.
Ватанро машъали оянда пиндоранд,
Паёми Пешво поянда медоранд.

Ҷавононанд асилу ҷонфидои роҳи озодӣ,
Фидокоранд бахри расму оинҳои аҷдодӣ.
Чу онҳо наврасону кӯдакон дар олами шодӣ
Буванд оянда насли устувори рушду ободӣ.

Ҷавонон парчами созанда афрозанд,
Бузургонро ҷавонон зинда месозанд.
Ватанро машъали оянда пиндоранд,
Паёми Пешво поянда медоранд.

Ҷавонони Ватан! Ганҷи ҷавонӣ қадр бояд кард!
Ҷавониро саодатманд ҳамчун Садр бояд кард!
Ба сулҳи кишвару амну амонӣ фахр бояд кард!
Ва арзишҳои неки мулк рамзи даҳр бояд кард!

Ҷавонон парчами созанда афрозанд,
Бузургонро ҷавонон зинда месозанд.
Ватанро машъали оянда пиндоранд,
Паёми Пешво поянда медоранд.

*Ниҳонӣ*



# Ҳамоиши ҷумҳуриявии ҷавонон дар Академия






***(Аввалаш дар саҳ.1)***

Дар кори ҳамоиш муовини Вазири корҳои дохилӣ генерал-майори милитсия Бароталӣ Ҳамидзода, муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Тоҷикистон Ш. Ризозода, сардори Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони ВКД полковники милитсия М. Бухоризода, ходими калони илмии АМИТ полковники мустаъфии милитсия Н. Назарзода, роҳбарияти Академия ва намояндагони ҷавони раёсату шуъбаҳои ВКД иштирок намуданд.

Кори ҳамоишро бо сухани муқаддимавӣ муовини Вазири корҳои дохилӣ Б. Ҳамидзода кушод. Муовини Вазири корҳои дохилӣ иброз намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таълиму тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои ҷавони ВКД таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Ҷавонон нерӯи созандаи ҷомеа буда, дар назди Президент Шӯрои миллии ҷавонон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

Бо дастури Вазири корҳои дохилӣ, дар тамоми воҳидҳои ВКД Шӯроҳои ҷавонон таъсис дода шудааст. Ин ҳама ғамхориҳо барои насли ҷавони ВКД мебошанд.

Модератори ҳамоиш - сарнозири маркази матбуоти Академия, капитани милитсия Сафарзода С.Н. интихоб гардид. Сипас, бо маърӯзаҳо инҳо баромад намуданд: ходими калони илмии АМИТ, д.и.х., профессор, полковники мустаъфӣ Назарзода Н.Ҷ. дар мавзӯи "Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол", Ҷалолзода С. - муаллими кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, лейтенанти калони милитсия дар мавзӯи "Нақши МКД дар таъмини ҳуқуқу озидиҳои инсон", Абдулаҳадзода А.А. - сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ, подполковники милитсия дар мавзӯи "Рушди қонунгузории миллӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои ноболиғону ҷавонон", Ҳабибзода Ҳ.Т. - раиси Шӯрои ҷавонони Академия дар мавзӯи "Нақши кормандони ҷавони МКД дар таҳкими ҳувияти миллӣ", Расулзод Л.Х. - муаллими кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ, капитани милитсия дар мавзӯи "Таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба мафкураи ҷавонон".

Дар интиҳои чорабинӣ барои болидахотирии иштирокчиёни он барномаи фарҳангӣ пешкаш гардид, ки саршор аз сурудҳои ватандӯстона буд.

***У. Олим***

## Пирӯзии корманди Академия дар мусобиқаи шиноварӣ

Рӯзи 21-уми апрели соли равон дар толори Маҷмааи варзишии Шӯрои ҷумҳуриявии "Динамо"-и ВКД дастаи Академия дар мусобиқаи кушоди варзишӣ оид ба шиноварӣ, ки миёни бонувони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои қудратӣ ва дигар корхонаю идораҳои кишвар бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, иштирок намуд.

Дар мусобиқаи шиноварӣ кормандзанони ВКД ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чор намуд - тарзи озод, пуштнокӣ, брасс ва баттерфляй, дар масофаи 50 метр иштирок намуданд.



Корманди Академия, муаллимаи калони кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ, подполковники милитсия Фирӯза Убайдуллозода дар чор намуди мусобиқа оид ба шиноварӣ ҷойҳои намоёнро ба даст овард. Аз ҷумла, номбурда дар масофаи 50 метр дар намуди "тарзи озод" дар байни дигар кормандзанон натиҷаи беҳтарин нишон дода, ҷойи якумро соҳиб шуда, сазовори медали тилло гардид. Аз дигар намудҳо дар масофаҳои 50 метр ҷойҳои дуюмро ба даст оварда, соҳиби медалҳои нуқра гардид.

*С. Сафарзода*

## Фестивали дӯстии ҷавонони шаҳри Душанбе

Рӯзи 7-уми май дар Муассисаи давлатии фарҳангию фароғатии "Аҳорун" бо иштироки муовини Раиси шаҳри Душанбе Мавсума Муинӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонзода А.Қ., раиси Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Неъматзода М.М., ректорони донишгоҳу донишкадаҳои ҳудуди шаҳри Душанбе ва дигар меҳмонони расмӣ Фестивали дӯстии ҷавонони шаҳри Душанбе таҳти унвони "Ҷавонон дар масири Истиқлолият ва давлатдории миллӣ" баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи фестивал меҳмонон аз вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳои шаҳрӣ, ҷавонони фаъоли касбу кори гуногун, муҳассилини донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва коллеҷу омӯзишгоҳҳои касбии кишвар иштирок намуда, нахуст аз дастовардҳои варзишгарону ҷавонони ихтироъкори донишгоҳу донишкадаҳои олии шаҳри Душанбе, ки дар даромадгоҳи Муассисаи давлатии фарҳангию фароғатии "Аҳорун" ба намоиш гузошта шуда буд, дидан намуданд.



Дар фестивал дастовардҳои илмию варзишии Академияи ВКД низ ба намоиш гузошта шуд.

Инчунин, дар чорабинии мазкур сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, ҳайати омӯзгорон ва аъзои Шӯрои ҷавонони ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ низ иштирок намуданд.

Лозим ба зикр аст, ки фестивали мазкур дар доираи ҳафтаи ҷавонон бо заҳмату талош ва дастгирии бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву сиёсии ҷавонон роҳандозӣ карда шуд.

Дар фарҷоми чорабинии идона маҳфили фарҳангии иборат аз суруду таронаҳои ватандӯстиву меҳанпарастии дастаҳои ширинкори донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар манзури меҳмонону иштирокчиёни фестивал гардонида шуд.

*Ҳ. Ҳабибзода*



## Боздиди намояндаи ВКД Ӯзбекистон аз Академия

Дар доираи ҳамкориҳои дуҷонибаи Вазоратҳои корҳои дохилии Тоҷикистону Ӯзбекистон санаи 12-уми май намояндаи Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон Кабилов Шариф Раҳимович аз Академия дидан намуд.

Намояндаи Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон аз дидани бинои зебои Академия ва шароити таҳсили курсантон изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз дошт, ки "Дар ҳақиқат бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беҳтарин тарҳи меъморӣ барои таҳсилу тарбия барои омӯзгорону курсантон дар Академия муҳайё гадидааст. Мо ният дорем, ки ҳамкории муштаракро дар ҷодаи илм ва омодасозии кадрҳо барои ҳарду кишвар минбаъд ҳам идома диҳем".

Аз боздиди Академия намояндаи Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон таассуроти амиқ бардошта, барои пазироии гарм ба роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро миннатдории самимӣ изҳор намуд.

*Ш. Убайдуллоев*

## Ғалаба бар фашизм - натиҷаи иттиҳоди халқҳост

Рӯзи 7-уми май дар толори факултети №6 бо ибтикори кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ дар якҷоягӣ бо шуъбаи кадрҳои Академия, Шӯрои собиқадорони ВКД бахшида ба 76-умин солгарди ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ семинари илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Ғалаба бар фашизм - натиҷаи иттиҳоди халқу миллатҳост" баргузор гардид.

Дар семинар роҳбарияти Академия, раиси Шӯрои собиқадорони ВКД генерал-майори мустаъфии милитсия Ҷурахонзода Саид Қаюм, ҷанговар-интернатсионалистон, собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ, курсантон ва меҳмонон ширкат



варзиданд. Нахуст, сардори Академия генерал майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ баромад намуда, қайд кард, ки дар ин ҷанги хунумонсӯз дар баробари дигар халқу миллатҳо, ҳамватанони мо низ фаъолона иштирок карда, аз худ қаҳрамо-



нию далерӣ нишон додаанд.

Сипас, дар идомаи чорабинии идона вобаста ба паҳлуҳои гуногуни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва саҳми милитсия дар таъмини тартибот дар ақибгоҳ дар он солҳои ноором маърӯзаҳои пурмухтаво карда шуданд.

Дар интиҳои ҷамъомади суд-манд сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ аз номи Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ба собиқадорони Академия туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда, фаъолияти онҳоро барои насли имрӯзу ояндаи мақомоти корҳои дохилӣ намунаи ибрат арзёбӣ намуд.

*Б. Асламов*

## Намояндагони Академия дар вохӯрӣ бо муовини Раиси шаҳри Душанбе



Санаи 5-уми май дар толори Муассисаи давлатии фарҳангию фароғатии "Аҳорун" (собиқ Амфитеатр) вохӯрии муовини Раиси шаҳри Душанбе Мавсума Муинӣ бо муовинони ректорҳо оид ба тарбия ва мудирони шуъбаҳои ҷавонони донишкадаю донишгоҳҳои ҳудуди шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Дар вохӯрии мазкур аз Академия муовини сардор оиди кор бо ҳайати шахсӣ полковники милитсия Собирзода А.Ҷ. ва муовини раиси Шӯрои ҷавонони Академия лейтенанти калони милитсия Фирдавс Маҳмараҳимзода иштирок намуданд.

*Шӯрои ҷавонон*

## Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

Дар асоси супориши сардори Академия, рӯзи 18-уми май бахшида ба истиқболи Рӯзи ҷавонон, ки ҳамасола санаи 23-юми май қайд карда мешавад, муовини сардори Академия оид ба низом полковники милитсия Ализода Алиҷон Шариф ва ҳайати Шӯрои ҷавонон дар вохӯрӣ бо курсантони курси 4-уми факултети №2 ширкат намуда, дар мавзӯи "Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон" баромад карданд.

Бояд гуфт, чунин силсилавохӯриҳо бо тамоми воҳидҳои таълимӣ-низомӣ гузаронида шуданд.

*У. Олим*






## Донишҷӯён бо шароити таҳсили курсантон шинос шуданд

Рӯзи 4-уми май донишҷӯёни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи ВКД ташриф оварданд. Онҳо бо шароити муосири таҳсил, тарбия, варзиши курсантону шунавандагон, омӯзгорони ин боргоҳи илму маърифат аз наздик ошноӣ пайдо намуда, таассуроти амиқ бардоштанд.

Шӯрои ҷавонон ва омӯзгорони Академия бо намояндагони Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъд аз дидан намудани Академия мизи мудаввари муштарак дар мавзӯи "Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад" доир намуданд. Донишҷӯёни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро роҳбарияти Академия ба муносибати Иди Ғалаба табрику таҳният гуфта, ба онҳо комёбиҳо таманно намуданд.

Боздид дар рӯҳияи идона ва ҳусни тафоҳум баргузор гардида, ҳисси ватандӯстии иштирокчиёни онро боз ҳам баланд намуд.

Бояд тазаккур дод, ки роҳбарияти Академия ба масоили тарбияи ҷавонон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, пайваста чунин чорабиниҳои муфидро баргузор менамоянд.

*С. Сафарзода*

## Вохӯрӣ бо волидони курсантон



Дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ", Оинномаи Академия ва дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро вохӯрии навбатии роҳбарияти Академия бо волидони курсантон дар мавзӯи таълиму тарбияи ҷавонон ва мустаҳкам намудани робитаи падару модарон бо ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба риояи қатъии интизом, истифода набурдани телефонҳои мобилӣ дар раванди таълим, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи курсантон, ҷалби онҳо ба озмунҳои "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Илм - фурӯғи маърифат" мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Волидони курсантон аз иштирок дар вохӯрӣ қаноатмандӣ намуда, изҳор доштанд, ки дар таълиму тарбияи курсантон дар баробари Академия саҳми назарраси худро хоҳанд гузошт.

*Б. Асламов*

## Насли солим аз оилаи солим сарчашма мегирад



Тибқи нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия, рӯзи 21-уми май дар маҷлисгоҳи факултети №4 бахшида ба Рӯзи ҷавонон дар мавзӯи "Насли солим аз оилаи солим сарчашма мегирад" мизи мудаввар доир карда шуд, ки дар он шоири халқии Тоҷикистон, сармуҳаррири маҷаллаи "Паёми Суғд" Толиб Карими Озараҳш ва ҳайати шахсии факултет иштирок намуданд.

Чорабиниро бо сухани ифтитоҳӣ сардори факултет, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Одиназода А.Ш. оғоз карда, аҳамияти ҳуқуқи инсонро дар ҷомеа баён намуд.

Сипас, бо шоири халқии Тоҷикистон, сармуҳаррири маҷаллаи "Паёми Суғд" Толиб Карими Озараҳш дар мавзӯи "Шеъри ҷавонӣ ва муҳаббати Ватан" суҳбати озод баргузор гардид, ки ҳайати шахсии факултет ба суолҳои худ ҷавобҳои мушаххас гирифтанд.

Инчунин, подполковники милитсия Ҳоҷибобо З.М. дар мавзӯи "Мавқеи ҷавонон дар меъёри Контитутсия" баромад намуд.

Роҷеъ ба эҷодиёти Толиб Карими Озараҳш аз тарафи курсантони факултет шеърҳо қироат карда шуд.

Баъди баромади маърӯзачиён баҳсу музокираҳо байни курсантони факултет доир гардид.

Дар хотима, мизи муддавварро сардори факултет полковники милитсия Одиназода А.Ш. ҷамъбаст ва ҳозиринро боз як бори дигар бахшида ба Иди ҷавонон табрик намуд.

*Муқимзода М.М.,*
*муаллими калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №4*

# Асосҳои илмии истифодаи технологияи муосир дар пешбурди тафтиши пешакӣ

Дар Академия аз тарафи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 мизи мудаввар дар мавзӯи "Асосҳои илмии истифодаи технологияи муосир дар пешбурди тафтиши пешакӣ" доир гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарият, профессорон ва омӯзгорони кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва намояндагони дигар факултету кафедраҳо, инчунин курсантон иштирок намуданд.



Мизи мудаввар бо сухани ифтитоҳии муовини сардори Академия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Саидзода Зикрулло Алӣ огоз гардид. Муовини сардори Академия зикр намуд, ки низоми муосири таҳсилоти миёна ва касбии олӣ ҳамеша ташаккул ва тараққиётро тақозо менамояд. Сабаб дар он мебошад, ки ҳамарӯза дар замони муосир талабот нисбат ба таълиму тарбия, истифодаи технологияи нав ва воситаҳои муосири таълимӣ дар ҷараёни дарс бештар гардида истодааст. Ин гуфтаҳоро метавон дар донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, технологияи муосири иттилоотӣ ва компютери интернет маънидод намуд. Ҳамаи ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баробари курсантон омӯзгорон низ бояд пешсаф бошанд. Ҳамеша пайи ҷустуҷӯи маводҳои нави таълимӣ буда, аз сарчашмаҳои гуногун муосир ба курсантон маълумот диҳанд.

Сардори факултети №6 полковники милитсия Нозирӣ Нақиб Алӣ дар ин мизи мудавар дар мавзӯи "Проблемаи эътироф кардани далел-иттилооте, ки бо истифодабарии воситаҳои техникӣ ба даст омадааст" баромад намуда, иброз дошт, ки қонун далелҳоро аз рӯйи сарчашмаи онҳо ҷудо намуда, ҳар кадоми онҳо қоидаҳои муайяни ҷамъ овардан, мустаҳкам кардан, санҷидан ва баҳо доданро муқаррар намудааст. Ҳар як далел бо хусусиятҳои хоси худ, ки дар ҷараёни исботкунӣ ба назар гирифта мешаванд, фарқ мекунад. Ҳар як намуди далел хусусиятҳои хоси худро дорад, ки тартиботи мурофиавии ба даст овардан ва истифодаи он дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, дар КМҶ ҶТ баён карда шудааст.

Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 подполковники милитсия А. Арипов дар мавзӯи "Асосҳои илмии истифодаи технологияи муосир дар пешбурди амалҳои тафтишӣ" баромад намуда, иброз дошт, ки ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ муфаттиш метавонад аз воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, усулҳои илман асосноки ошкоркунӣ, бақайдгирию сабт ва ёфта гирифтани изҳои ҷиноят ва далелҳои шайъӣ истифода барад. Истилоҳоти "техникаи криминалистӣ", пеш аз ҳама ба фасли алоҳидаи илми криминалистика ва баъдан ба маҷмӯи воситаҳои техникӣ - асбобу анҷомҳо ва дигар таҷҳизоте, ки ба ҷамъоварӣ ва тадқиқоти далелҳо ёрӣ мерасонанд, ишора мекунад.

Дар идомаи мизи мудаввар профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 подполковники милитсия Муҳиддинзода Нуриддин Муҳиддин дар мавзӯи "Аҳамияти истифодаи сабти видео дар ҷараёни пешбурди амалҳои тафтишӣ" баромад намуда, қайд кард, ки амалҳои тафтишӣ ин фаъолияти дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи муфаттиш (таҳқиқбаранда) буда, онҳо воситаҳои асосии муқаррар кардани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта мебошанд. Таъиноти амалҳои тафтишӣ аз ҷамъ овардан, мустаҳкам намудан ва санҷида баромадани далелҳо иборат аст. Ин далелҳо ба муфаттиш имконият медиҳанд, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ қарорҳои асоснок қабул карда, дар ҷамъбаст барои муқаррар кардани ҳақиқати воқеӣ ёрӣ расонанд.

Муовини сардори факултети №2 майори милитсия Бухоризода Б.Р. дар мавзӯи "Хусусияти гузаронидани пурсиш бо парвандаҳои ҷиноятии савдои одамон" баромат намуда, гуфт, ки монанди дигар намудҳои тиҷорати ҷиноятӣ ҷинояти савдои одамон низ ба қонуниятҳои муайяни муносибатҳои бозоргонӣ, дар навбати аввал, ба қонунҳое чун талаботу пешниҳод, инкишофёбӣ, даромаднокӣ, зарурати бақайдгирӣ ва рекламакунонии молҳо ва хизматрасониҳо тобеъ мебошад.

Дар навбати худ, муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 лейтенанти милитсия Нурализода Шералӣ Нуралӣ дар мавзӯи "Риояи қонуният дар пешбурди амалҳои тафтишӣ" суханронӣ намуда, дарҷ кард, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои роҳбарикунандаи мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудаанд, ки эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, мустақиман амал мекунанд. Пеш аз ҳама, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро неъмати олӣ эътироф намудааст, ки онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти мақомотҳои давлатиро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин карда мешаванд.

Дар анҷоми чорабинӣ курсантон низ доир ба мавзӯи мазкур суханронӣ намуда, андешаҳои худро иброз доштанд.

***Р. Сулаймонзода,***
***лейтенанти милитсия***

# Ғолибони озмуни Стипендияи Раиси вилояти Суғд

Дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо мақсади ҳавасмандгардонӣ, дастгирии моддию маънавии донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилояти Суғд ҳамасола аз тарафи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят бахри дарёфти Стипендияи Раиси вилояти Суғд озмун гузаронида мешавад.

Бо мақсади дарёфти истеъдодҳои ҷавон ва таъмини иҷрои Қарори Раиси вилояти Суғд аз 21.04.2021 сол тахти №178 "Дар бораи муқаррар намудани Стипендияи Раиси вилояти Суғд барои соли таҳсили 2020-2021", роҳбарияти факултети №4 мутобиқи талаботи Низомнома марҳилаи аввали озмунро ташкилу баргузор намуд. Номзадии довталабон, курсанти курси сеюм Шаҳриёр Латипов, Раҷабалӣ Мирзоев, курсантони курси чорум Шавкия Давлатова, Дилноза Ғафурӣ дар марҳилаи аввали озмун ба гирифтани ҳолҳои зарурӣ ноил гардида, дар асоси Қарори Шӯрои олимони факултети №4 ҷиҳати иштирок дар озмуни вилоятӣ пешниҳод гардиданд.

Санаи 22-юми май дар толори Қасри ҷавонони шаҳри Хуҷанд маросими супоридани Стипендияи Раиси вилояти Суғд ба донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ бо ҳузури роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳудуди вилоят, воситаҳои ахбори омма, кормандони соҳаи маориф, ҷавонони фаъол, донишҷӯён ва магистрантону аспирантон, шахсан аз ҷониби Раиси вилояти Суғд - муовини якуми раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҷаббой Аҳмадзода бо стипендияи Раиси вилояти Суғд сарфароз гардонида шуданд.




Курсантони факултети №4 Шаҳриёр Латипов, Раҷабалӣ Мирзоев, Шавкия Давлатова ва Дилноза Ғафурӣ низ дар озмуни мазкур иштирок намуда, бо сатҳи забондониву донишазбаркунӣ ва маҳорату малакаи худ ба гирифтани Стипендияи Раиси вилояти Суғд дар соли таҳсили 2020-2021 ноил гардида, шарафи факултети №4 ва Академияро баланд бардоштанд.

***Султонзода Б.С.,***
***муаллим-методисти калони қисми таълимии факултети №4***

Мусаллам аст, ки ҳамасола Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ иброз менамоянд, ки муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти созмонҳои терроррисимиву экстремистӣ ва дигар гурӯҳу ҳаракатҳое, ки худро бо ном мусулмону диндор муаррифӣ мекунанд, сарчашма мегиранд.

Ҳарчанд дар натиҷаи ҷораҳои андешидашуда солҳои охир қочоқи маводи мухаддир аз ҷониби нашъаҷаллобону гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ ва дигар аъзои ҳаракатҳои ифротӣ ба кишвар то андозае коҳиш ёфтааст, инчунин афзоиши воридоти дигар намудҳои маводи нашъаовар, ки ба саломатии инсон зарари бештар доранд, ба назар мерасад.

Ин масъалаҳо пайваста дар мадди назари роҳбарияти олии кишвар ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвари азизамон қарор доранд. Оид ба азми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди мубориза бо ин вабои аср дар ҳама сатҳҳо, аз минбари Созмони Милали Муттаҳид борҳо изҳор намудаанд.

"Аз ин рӯ мо тасмим гирифтаем, ки дар роҳи қочоқи маводи нашъадоре, ки аз ҷониби гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва дигар гурӯҳҳои аъзоёни ҳаракатҳои бо ном исломӣ истеҳсол ва хариду фурӯш мешаванд садди боз ҳам устувор гузошта, дар ин росто бахри коҳиш додан ва умуман нест кардани воридоти маводи нашъадор ба ҳудуди Тоҷикистон ва минбаъд аз Тоҷикистон ба дигар давлатҳо тадбирҳои воқеӣ андешем", - иброз медоранд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.



*Шариф Зоиров,*
*нозири калони Шуъбаи таълим,*
*капитани милитсия*

# Зарари маводи нашъаовар аз дидгоҳи арзишҳои динӣ

Тавре ба ҳамагон маълум аст, ҳаёт ин мубориза аст, мубориза бар зидди фисқу фуҷур, (фасодкорӣ) хоҳишоти нафсу талаботи моддӣ ва маънавии инсонҳо ва ғайра. Инсон дар ҳаёти худ ба лаҳзаҳои гуногун рӯ ба рӯ мешавад, ки танҳо тавфиқи худовандӣ, ақли солим, дурандешӣ ва иродаи қавӣ метавонад ӯро наҷот диҳад. Мутаассифона баъзе шахсон пайрави ҳавою ҳавас гашта, дар ҳаёти худ ба истеъмолу истифодаи баъзе маводҳо, аз ҷумла маводи нашъаовар машғул мешаванд, ки ҳаёти худро на танҳо зери хатар, балки сӯзонда нобуд мекунанд. Бисёр вақт тавассути васоити ахбори омма олимону донишмандон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баромадҳо карда, аз оқибатҳои бади маводи нашъаовар мардумро мефаҳмонанд, инчунин китобу рисола ва мақолаҳои зиёд аз тарафи донишмандону олимон ва мутафаккирони бузурги исломӣ низ таълиф гардидааст, вале мутаассифона, ба мушоҳида мерасад, ки баъзе ҷавонон ба чунин кори бад даст мезананд ва ҳаёти худро зери хатар мегузоранд. Муаллиф тасмим гирифтааст, ки роҷеъ ба зарару зиёни ин маводи марговар, ки ба рӯҳу ҷисми инсон зарар мерасонанд, инчунин ҳаром будани истифодаи он аз дидгоҳи арзишҳои исломӣ, ки саршор аз ахлоқу маънавият аст, рӯи саҳифа оварда, онро мухтасаран тадқиқ намояд.

Маводи нашъаовар аз қабили бангдона, ҳашишу героин ва амсоли ин ва он чӣ, ки бо номи маводи мухаддир шинохта шудааст, аз ҷумлаи маводе ҳастанд, ки бо иттифоқи ҳамаи олимони исломӣ ҳаром доништа шудааст. Ин ҳама мавод аз ҷумлаи хамр (азбайнбарандаи ақл) ба шумор меравад.

Дар мактаби фиқҳи исломӣ Ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) мефармояд: "Ҳар чизе, ки ақлро аз байн бибарад, хамр гуфта мешавад".

Истеъмоли маводи мухаддир ва машруботи алкоголӣ "худи мафҳуми алкогол аз калимаи арабии ал-кул гирифта шудааст" низ ба рӯҳу ҷисми инсон зарари калон дорад. Истеъмоли доимии ин мавод бадани инсонро дар муддати кӯтоҳ фалаҷу нотавон карда, саломатӣ ва ҳамоҳангии кори аксари узвҳои баданро аз байн мебарад. Тадқиқотҳои илмӣ нишон додаанд, ки мағзи сари шахси истеъмолкунандаи машруботи алкоголӣ ва хусусан маводи мухаддир, ба тадриҷ карахт шуда, ақли ӯ кам ва хотирааш заиф мегардад.

Бояд қайд намуд, ки шахсони нашъаманд дар мудатти ниҳоят кӯтоҳ, тайи ду-се сол, ба куллӣ мубталои беморӣ мешаванд ва бармаҳал аз байн мераванд. Ҳангоми истеъмоли он маводи заҳролуд кори асаби нашъамандон халалдор гашта, ғайраташон кам, хаёлашон парешон, хотираашон суст ва иродаашон заиф мегардад.

Чунонеки хаёт нишон медиҳад, харҷи вазнини хариди ва истеъмоли маводи мухаддир оқибат инсонро муфлис карда, қарздору хору зор мегардонад. Умуман, нашъамандӣ ва майзадагӣ оқибат шахсро маризу бенаво карда, барои худ, хонавода ва барои тамоми ҷомеа дарди сар мегардонад. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки даст задан ба нашъамандӣ навъе худкушии тадриҷӣ мебошад, ки дини мубини ислом онро сароҳатан маҳкум кардааст. Китоби муқаддаси Қуръони карим дар ин бора ба мусулмонон чунин амр кардааст: "Худро ба дасти худ ба ҳалокат нарасонед".

Вақте ки инсон дар натиҷаи майзадагӣ ва нашъамандӣ сифатҳои пасти дар боло зикршударо пайдо мекунад, маълум аст, ки робитаи ӯ бо тамоми атрофиён, аз ҷумла падару модар, бародару хоҳар ва зану фарзандонаш бад шуда, оқибат ба вайрон шудани оила бурда мерасонад. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки оилаҳои майзадаву нашъаманд ҳамеша муҳити ҷанҷолӣ ва ноороми дошта, барои тарбияи фарзандон макони номуносиб мебошанд. Албатта нақши оила дар тарбияи фарзандон, хусусан ҳаққи падару модар хеле бузург мебошад, ки ин мавзӯи дигар аст. Аз қувваи мардӣ маҳрум шудани майзадагону нашъамандон низ боиси ғайри имкон шудани идомаи зиндагии оилавӣ гашта, ба вайроншавии оила бурда мерасонад, ки албатта вайроншавии як оила фоҷиаи хеле бузург буда, оқибатҳои манфӣ дорад. Ба ин восита шахси майзадаву нашъаманд на танҳо худ, балки аъзои оила ва хешу таборашро беобрӯ ва шармсор менамояд. Худ қазоват кунед, ки падару модари нашъаманд аз афъоли бади фарзандашон чӣ қадар азоби рӯҳӣ мекашанд ва ба бемориҳои гуногун гирифтор мешаванд.

Шахсони нашъаҷаллоб ва истеъмолкунандагони маводи мухаддир яке аз зарароварътарин тоифаҳои ҷамъиятӣ буда, барои тамоми ҷомеа, хусусан ҷавонон, зиёни ҳамаҷониба меоваранд. Метавон гуфт, ки нашъамандону майзадагон манбаи паҳншавии шуури паст, сарчашмаи пайдоиш ва рушди бемориҳои сироятқунанда, аз ҷумла бемориҳои ҷинсии даҳшатноке мисли ВНМО (вируси норасоии масунияти одам), ки имрӯз тамоми давлатҳоро ба ташвиш овардааст, инчунин манбаи афзоиши ҷинояткорӣ дар ҷомеа мебошанд. Онҳо чун ҳашароти зарарасон ҷомеаро заҳролуд мекунанд ва барои ҷомеа мушкилоти гуногун оварда, ҷомеа барои пешгириву табобати онҳо қуввату сармояҳои худро аз даст медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки майзадагӣ ва истеъмоли маводи мухаддир, пеш аз ҳама ба бузургтарин сармояи миллату ҷомеа ақлу зеҳни инсонҳо таҳдид мекунад. Истеъмоли он инсонро аз фарҳангу маънавият холӣ ва ғуломи ҳалқа бар дӯши ин мавод гардонида, аз хувияти милливу ифтихори миллӣ комилан бегона месозад. Мутаассифона имрӯзҳо тавассути воситаи ахбори омма маълум мегардад, ки бештари боздошташавандагон ва нашъамандон ҷавонҳо ва ҳатто навраcон ҳастанд. Набояд фаромӯш кард, ки ҷавонон, ки беҳтарин умеди ҳар як миллату давлат ва нерӯи пешбарандаи ҷомеа ҳастанд, мутаассифона як қисме аз онҳо аз тариқи бехабарӣ тӯъмаи ин раванди маргбор мегарданд. Бешак маводи мухаддир ба ояндаи тараққиёт маънавият ва насли ояндаи миллат таҳдиди ҷиддӣ мерасонад, зеро аз мардони заифу заҳролуд фарзанди солим ба бор намеояд ва аз мағзҳои карахту шахшуда, ҳеҷ фикри дурусте сар намезанад. Ин маводи заифкунандаи ақл ва аз байнбарандаи бадани солим метавонад дар андак муддате кореро, ки душманон дар тӯли солҳо бар он муваффақ нашудаанд, амалӣ кунад. Яъне миллати дорои фарҳанги ҳазорсоларо бар тӯдаи кундзеҳну бехирад ва масту майзада табдил диҳад, ин аст, ки имрӯз масъалаи мубориза бо майзадагиву нашъамандӣ дар ҳақиқат мубориза барои наҷоти фарҳангу хуввият ва умуман асолати миллӣ ва ояндаи ҳар миллат мебошад.

Дар охир гуфтанием, ки Худованд барои дарёфти роҳи саодати дунёву охират китобҳо ва паёмбарону мутафаккирон фиристода, то инсонҳо роҳи некию хушбахтиро дарёфт намоянд. Бояд онҳое, ки бар ин роҳи хато рафтаанд, бедор шаванд ва ақли худро дуруст кор фармоянд ва имрӯзу фардои худро, ки бебозгашт аст, аз даст надиҳанд. Худованди мутаол инсонро офарида ба ӯ каромат бахшид ва бо имтиёзоти бузурге ӯро аз бақияи махлуқот мумтоз гардонид. Аз ҷумлаи муҳимтарин ин имтиёзот неъмати ақл ва идрок аст, ки инсон ба василаи он метавонад парвардигори худро шиносаду парастиш кунад ва дар пешрафту тараққии ҷомеае, ки дар он зиндагӣ дорад, саҳмгузор бошад.

Дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо тамоми шароитҳо барои ҷавонону навраcон муҳайё гардида, ҷавонон ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеаи маъмурдини Тоҷикистон ба шумор мераванд. Ҳифзи саломатии ҷавонон сарвати миллӣ ва боигарии ҳар як шаҳрванди кишвар аст.

# Пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ яке аз омилҳои мубориза бо терроризм

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ тайи солҳои охир ба душвориҳои нав дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дучор гардид, ки он ба баргаштани шумораи зиёди муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо аз ҳудуди Федератсияи Руссия вобастагӣ дорад. Сабаби асосии он, ҳангоми будубош дар қаламрави Руссия риоя накардани қонунгузории ин кишвар ва дар ҳолати муҳоҷирати ғайриқонунӣ қарор доштани шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад.

Инчунин, бо сабаби аз тарафи ИМА ва давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо татбиқ кардани таҳримҳои иқтисодӣ нисбати Федератсияи Руссия дар соли 2014 вазъияти молиявию иқтисодии ин мамлакат хеле душвор гардид, ки он бевосита ба ҳолату зиндагии муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар қаламрави Руссия низ таъсири манфӣ расонида истодааст. Бо мақсади пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ба танзим даровардани равандҳои муҳоҷират дар қаламрави Федератсияи Руссия, соли 2013 дар ин кишвар барномаи автоматикунонидашуда оид ба муайян намудани муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва баъдан солҳои 2014-2015 ба қонунгузории муҳоҷиратии он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки он будубоши муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро дар Руссия дучанд вазнину ғайриманфиатдор гардонид.

Ин гуна шароити бавуҷудомада шумораи шаҳрвандони хориҷиро, ки қонунгузории муҳоҷиратии Федератсияи Руссияро вайрон кардаанд, хеле зиёд намуд ва ҳамаи онҳо дар рӯйхати "манъшудагон" дарҷ гардида истодаанд. Чунин шаҳрвандони хориҷӣ минбаъд ҳуқуқ надоранд, ки аз 3 то 5 сол ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто то 10 сол ба қаламрави Руссия ворид гарданд. Дар рӯйхати "манъшудагон" мисли дигар шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба қайд гирифта мешаванд ва шумораи онҳо ҳар сол садҳо ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки чунин ҳолат мушкилиҳои бе ин ҳам зиёди молиявии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳоро дучанд мегардонад.

Соли 2014 теъдоди шаҳрвандони кишварамон, ки ба рӯйхати "манъшудагон"-и Федератсияи Руссия дохил шуда буданд, 71 ҳазор нафарро ташкил медод. Соли 2015 шумораи онҳо то 202 ҳазор ва соли 2016 то 329 ҳазор нафар зиёд гардид (Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014, 2015, 2016).

Мутобиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 шумораи шаҳрвандони кишварамон, ки воридшавиашон ба ҳудуди Руссия манъ шуда буд, 181127 нафарро ташкил медод ва шумораи онҳо соли 2018 то 240749 нафар зиёд шуд (Ҳисоботи Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2017-2018).

Баъдан, солҳои 2019-2020 шумораи "манъшудагон"-и кишварамон мутаносибан 267324 нафар ва 286442 нафарро ташкил кард, ки ин гуна ҳолат боиси нигаронист.

Сабабҳои ҳамасола афзоиш ёфтани шумораи шаҳрвандони "манъшуда"-и кишварамонро чунин ифода кардан мумкин аст: тибқи талабот ва муоширати тарзи зист надонистани забони русӣ, риоя накардани қонунгузории муҳоҷиратии Руссия, паст будани сатҳи донишу малакаи тахассусии шаҳрвандони кишварамон, сари вақт аз қайд нагузаштан мутобиқи ҷойи зисти муваққатӣ, надоштани сертификати дахлдор ҷиҳати гирифтани патент ва расмӣ гардонидани фаъолияти кории худ.

Инчунин, дигар сабабҳои риоя накардани қонунгузории Руссия низ мавҷуд мебошанд, ки нисбати ислоҳи ин гуна камбудиҳо мақомоти дахлдори давлатӣ бояд бо муҳоҷирон корҳои иттилоотию фаҳмондадиҳиро дучанд зиёд гардонанд. Зеро, то ин андоза афзоиш ёфтани шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ ба манфиати давлат ва худи муҳоҷирон намебошад ва чунин вазъиятро ҳарчи зудтар ислоҳ намудан зарур аст.

Вазъияти душвори сиёсию иқтисодии байналхалқӣ ва тағйир ёфтани сиёсати Руссияро дар самти муҳоҷират ба инобат гирифта, шурӯъ аз соли 2014 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба Федератсияи Руссия равона мешуданд, сол то сол кам шуда истодааст. Мутобиқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014 нисбат ба соли 2013 шумораи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, ки ба хориҷа ва асосан ба Федератсияи Руссия равона мегардиданд, то 20% кам шуд.

Дар чунин вазъияти ғайриодӣ ва санҷишӣ Тоҷикистонро лозим аст, ки тадбирҳои саривақтӣ ва механизми дастгирии иқтисодию иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатии бозгаштаро кор карда барояд, зеро даҳҳо ҳазор нафар муҳоҷирон умедвори пайдо кардани ҷойҳои кории доимӣ ва арзанда дар дохили мамлакат буда, ба ҳамгироии онҳо дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ниёз доранд.

Бо назардошти ба амал омадани буҳрони молиявию иқтисодӣ дар минтақа ва хавфи баргаштан - рондан ё берун кардани оммавии муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунии кишварамон аз Федератсияи Руссия, ки чунин ҳолат метавонад ба вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мамлакат таъсири манфӣ расонад, инчунин ҷиҳати муътадил гардонидани вазъи бааамаломадаи иқтисодию иҷтимоӣ дар мамлакат, 5 феврали соли 2015 таҳти №50 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хатарҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ" қабул карда шуд.

Санади мазкур, дар баробари пешгирии ҳолатҳои ғайричашмдошти эҳтимолӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар дохил ва хориҷи мамлакат ва пайиҳам ҳал намудани масъалаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин якчанд чорабиниҳоро нисбати бо кор таъмин кардани муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар дохили ҷумҳурӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоии онҳо, фаро гирифтан ба омӯзиши касбҳои нави замонавӣ ва супоридани шаҳодатномаҳо оид ба малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ, такмил додани қонунгузорӣ барои ба танзим даровардани муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои ҳалталабро пешбинӣ намуда буд.

Қарори зикршуда миёнамуҳлат буда, иҷрои бандҳои нақшаи чорабинӣ то соли 2018 муайян шуда буданд ва мутобиқи он, вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чорабиниҳои дар нақша зикргардидаро дар муҳлатҳои муқарраршуда ҳаллу фасл намуданд.

Масъалаҳои баргаштани муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунӣ ва ҳамгироии онҳо дар ҷамъият, дар Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа дар давраи солҳои 2011-2015, ки бо Қарори Ҳукумати мамлакат аз 4 октябри соли 2011 тасдиқ гардидааст, низ пешбинӣ шуда буданд ва дар яке аз бандҳои он иҷрои чорабинии зерин дарҷ гардида буд: "…ташкил кардани механизми ҳамгироии муҳоҷирони баргашта ба иқтисодиёти мамлакат, баланд бардоштани фаъолияти иқтисодии аъзои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути омӯзиши касбӣ, тиҷоратӣ, ҷудо кардани қарзҳои хурд ва фаро гирифтан ба худиштиғолии расмӣ, коркард ва татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии муҳоҷирони меҳнатӣ, коркарди пакети лоиҳаҳои иҷтимоӣ барои ҷалб намудани сармоягузорон".

Аз матни Стратегияи зикршуда маълум мегардад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад то ҳадди имкон душвориҳои муҳоҷирони меҳнатии баргаштаро ҳаллу фасл намояд, лекин иқдомҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ на ҳама вақт пайравони худро пайдо мекунанд. Муҳлати иҷрои Стратегияи зикршуда соли 2015 ба охир расид, аммо баъдан Стратегияи навбатии давлатӣ қабул карда нашуд ва ин гуна ҳолат вазъи муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳоро душвор гардонид. Сари вақт қабул накардани Стратегияи муҳоҷиратӣ боиси суст шудани ҳамкориҳои байнидавлатию байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират ва афзоиш ёфтани шумораи муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони кишварамон хоҳад шуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 26,4 фоизи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз ҷавонони синну солашон 18-29-сола ва 33,4% аз шаҳрвандони 30-39-сола иборат мебошад ва маҳз ҳамин гурӯҳҳо шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии ғайриқонунии кишварамонро ташкил медиҳанд. Ҳангоми бозгашт ба ватан, онҳо бояд бо ягон намуди шуғл фаро гирифта шаванд, зеро дар ҳолати бекорӣ ва надоштани маблағи кофӣ барои пешбурди рӯзгор, ҷавонон метавонанд аз тарафи қувваҳои носолим ба ҳодисаҳои ғайриқонунӣ ва роҳҳои фиреб ҷалб карда шаванд.

Қисми зиёди ҷавонони баргашта мактаби миёнаро баъд аз барҳам хӯрдани собиқ давлати Шӯравӣ, яъне аз давраи солҳои 90-уми асри гузашта, ки он дар ҳаёти мардуми Тоҷикистон як давраи мудҳиш буд, хатм намудаанд ва аз омӯзиши хуби забони русӣ ва касбу ихтисосҳои замонавии коргарӣ маҳрум буданд. Бо ин сабаб ҷавонон ҳангоми будубош ва амалӣ намудани фаъолияти корӣ дар ҳудуди Федератсияи Руссия ба душвориҳои гуногун дучор гардида, имконият пайдо намекунанд, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда дорои сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва қонунгузории муҳоҷиратии Руссия, инчунин дорои патент ва қарордод оид ба фаъолияти кории расмӣ гарданд. Ин гуна мушкилиҳо ҷавононро ноумед мегардонад ва дар чунин вазъияти ноилоҷӣ онҳо қодир ҳастанд ба амалҳои ғайриқонунӣ даст зананд.

Бояд зикр намуд, ки тайи солҳои охир аз давлатҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳолатҳои шомил шудани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ба назар мерасад ва ин гуна вазъият бисёри давлатҳои ҷаҳонро аз лиҳози таъмини амнияти кишварашон ба ташвиш овардааст.

Дар ҳудуди Федератсияи Руссия низ, ки садҳо ҳазор шаҳрвандони кишварамон дар он фаъолияти корӣ доранд, қувваҳои носолими ифротгароии фаъолияташон зиддиинсонӣ пайдо шудаанд, ки онҳо ҷавонони бекору сустиродаро ба гурӯҳҳои террористӣ ҷалб намуда, ба ҳудуди давлатҳои интихоб кардаашон барои иштирок ва амалӣ намудани задухӯрдҳои ҳарбию террористӣ равона месозанд. Аз ин хотир, давлатҳои ҷаҳонро лозим аст, ки ҳамкориҳоро дар ин раванд пурзӯр намоянд ва дар ҳамбастагӣ оид ба пешгирии ҳодисаҳои террористӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик муҳоҷирони меҳнатии хориҷиро барои иштирок дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат даъват менамояд ва ҳамзамон, доир ба пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ чораҷӯӣ менамояд. Яке аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолият бо шаҳрвандони хориҷӣ, Низомнома оид ба тартиби амалӣ намудани назорати муҳоҷиратӣ мебошад, ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 2001 тасдиқ карда шудааст. Дар асоси қарори зикршуда, вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ амалиётҳои якҷояро бо мақсади пешгирии ҳолатҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қаламрави кишварамон доимо ба нақша гирифта, мавриди санҷиш қарор медиҳанд.

Дар оғози асри XXI муҳоҷират ба раванди ҷаҳонию падидаи глобалӣ табдил ёфтааст ва айни замон ягон давлати дунё қотеъона тасдиқ карда наметавонад, ки дар ҳудуди он равандҳои муҳоҷират вуҷуд надоранд, зеро муҳоҷирати аҳолӣ қонуниятҳои ҳуқуқӣ ва табиии худро дорад ва вобаста ба ин ҳаракати муҳоҷиратӣ дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон мавриди амал қарор дорад.

Мутобиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, ба ҳолати соли 2019 шумораи муҳоҷирони байналхалқӣ дар ҷаҳон 272 миллион нафарро ташкил дод ва дар асоси пешбиниҳои коршиносони ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ, то соли 2050 теъдоди муҳоҷирон дар дунё ба 405 миллион нафар хоҳад расид. Рақамҳои овардашуда тасдиқи он мебошанд, ки вобаста ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ, экологӣ ва ғайраҳо, шиддати муҳоҷират дар миқёси ҷаҳон пурзӯр мегардад ва мушкилиҳои ин самтро давлатҳои хориҷи дуру наздик танҳо дар заминаи ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд метавонанд ҳаллу фасл намоянд. Тоҷикистон низ бо иштироки садҳо ҳазор нафар шаҳрвандони худ дар раванди муҳоҷирати байналхалқӣ қарор дорад ва бо сабаби душвориҳои ҷойдошта дар бозори меҳнати дохили мамлакат, кишвари мо давоми даҳсодаҳои наздик мисли дигар давлатҳо аз ҷараёни пуршиддати муҳоҷират дар канор монда наметавонад.

Тайи соли охир ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба беморіи сирояткунандаи коронавирус дучор гардидаанд ва он ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла ба ҷараёни муҳоҷирати байналхалқӣ таъсири манфӣ расонид. Лекин, бояд дарк кард, ки ин гуна вазъияти баамаломада муваққатӣ мебошад ва баъд аз гузаштани он ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ маҷрои пештараи пуршиддати худро барқарор менамояд. Бинобар ин, мо бояд айни замон, дар баробари татбиқ намудани нақшаҳои кӯтоҳмуддат оид ба пешгирии пандемия, ҳамзамон нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатиро дар самти сиёсати муҳоҷират ва пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ амалӣ намоем.

***Вализода Сафархон Амирхон,***
***муаллими калони кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6,***
***капитани милитсия***



## Ғамхорӣ дар ҳаққи собиқадорон

Чун анъанаи нек, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва супориши Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро, роҳбарияти Академия дар арафаи Иди Ғалаба ва Иди Рамазон ба аёдати собиқадорони мақомоти корҳои дохилӣ рафта, аз наздик бо ҳаёти оилавии онҳо шинос гашта, ба онҳо тӯҳфаҳои идона тақдим намуданд.

Ба гурӯҳи корӣ муовинони сардори Академия полковникҳои милитсия Саидзода З.А. ва Собирзода А.Ҷ., инчунин масъулини Шӯрои ҷавонони Академия роҳбаладӣ намуданд.

*С. Сафарзода*

## Аксияи "Тозагӣ гарави саломатист"

Дар доираи нақшаи чорабиниҳои ободонӣ ва иҷрои дастуру супоришҳои Вазири корҳои дохилӣ генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро ва сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ дар дохили бинои таълимии факултети №5, зери роҳбарии сардори курси факултети №5 лейтенанти калони милитсия Фарҳод Хоҷамуродзода аксияи тозагӣ-гигиенӣ гузаронида шуд. Сараввал, утоқҳои хоби курсантони курси 1-ум, рахтҳои хоб, дару тирезаҳо бо маҳлулҳои химиявӣ, яъне хлор тозаву безарар гардонида шуда, сипас роҳравҳои дохилии биноро тоза намуданд.




Инчунин, аз ҷониби сардори факултет ва сардори курс ба курсантон тарзи дурусти батартиб даровардани рахти хоб омӯзонда шуд.

*Ҳ. Ҳабибзода*



## Ҷалби шунавандагон ба китобхонӣ

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат доир ба фарҳанги китобхонӣ, иштирок дар озмунҳои "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ва "Илм - фурӯғи маърифат", аз ҷониби роҳбарияти факултети №3 шунавандагони он ба маҳфили китобхонӣ ҷалб гардида, ба мутолиаи асарҳои Пешвои миллат, адибони тоҷик ва ҷаҳонӣ машғул гардиданд.

Чорабинии мазур дар заминаи нақша-чорабиниҳои асосии Академия баргузор гардида, дорои аҳамияти калони тарбиявӣ мебошад.

*Б. Асламов*



## Шанбегӣ

Дар асоси иҷрои карори Раиси шаҳри Душанбе баҳри кабудизоркунӣ ва ба шаҳри сабз табдил додани Душанбе ва муассисаҳои тобеи он, дар Академия бо иқдоми роҳбарият ва шуъбаи кадрҳои он шанбегӣ гузаронида шуда, ободкориҳои зиёд анҷом дода шуданд.

Дар ин амали хайр ҳайати омӯзгорон ва кормандон фаъолона ширкат варзиданд.

*У. Олим*

## Кумакрасонии курсантон



Дар натиҷаи боришоти зиёди рӯзҳои охир гирду атрофи Академия бо лою гил пур шуд. Дар асоси супориши сардори Академия генерал-майори милитсия Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, курсантон зарари офатҳои табиӣ, макони гирду атрофи Академияро аз обу гил пурра тоза намуданд.

Боиси тазаккур аст, ки курсантони Академия бо иқдоми роҳбарият доимо ба шаҳрвандон дар лаҳзаҳои душвор дасти кумаки худро ҳамчун корманди милитсия мерасонанд.

*Ш. Убайдуллоев*



**МУАССИС:**
Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Раҳимзода Р.Ҳ.**
*Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Шарифзода Ф.Р.** *Сардори Академияи ВКД*
**Кабирзода Ҷ.Ҳ.** *Муовини аввали сардори Академияи ВКД*
**Саидзода З.А.** *Муовини сардори Академияи ВКД*
**Ализода А.Ш.** *Муовини сардори Академияи ВКД*

*САРМУҲАРРИР:* **Умед Олим**
*СУРАТГИР:* **Шавкат Убайдуллоев**
*ТАРРОҲ:* **Муҳаббат Рашидова**

Барои истифодаи матолиби нашрияи "Набзи милитсия" нишон додани манбаъ ҳатмист.

Нашрия аксҳо ва бархе матолибро аз шабакаи ҷаҳонии Интернет истифода мебарад.

Аксҳо ва дастнависҳои ба идораи нашрия воридшуда ба муаллифон баргардонда намешаванд.
Маводҳои дастнавис қабул карда намешаванд.

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №242/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2021 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

**НИШОНӢ:**
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мастонгулов, 3.

**Телефонҳо:**
226-60-43 (факс),
226-60-42, 226-60-60, 907-50-37-45

Нашрия дар чопхонаи «Мега-принт» аз чоп баромад.

Адади нашр: 500 нусха